## Такризи

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дустов Комилҷон Авлоқулович ба диссертатсияи Ҳамроев Равшанқул Замонович дар мавзӯи «Поэтикаи ашъори Гулназар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик**

Бештари соҳибназарони адабиёти тоҷик шеъри Гулназарро чун худи ӯ сода ва самимӣ арзёбӣ кардаанд. Ба назари профессор Мирзои Муллоаҳмад, «вежагии боризи ашъори Гулназар Келдӣ ҷанбаи қавии иҷтимоъии онҳост. Гулназар Келдӣ тавонистааст дарди мардумро ба забони сода ва самимӣ бигӯяд, ки боиси пазируфта шудани ашъораш аз сӯи мардум шудааст». Дар ашъори шоир оҳангҳои иҷтимоӣ мақоми шоиста дошта, ҳақ ба ҷониби шоира Фарзона аст, ки мегӯяд: "Шеъри Гулназар мисли дарахти азими тановарест, ки дар масоҳати бузурги шеъри форсии тоҷикӣ доман густурдааст". Маҳз ҳамин вижагиҳо боиси омӯзиш ва таҳқиқи мавзӯи «Поэтикаи ашъори Гулназар» шудааст.

Дар қисмати муқаддима муаллифи рисола аз муҳимияти мавзӯъ дар замони муосир сухан ронда, таъкид менамояд, ки Истиқлолияти давлатӣ яке аз муҳимтарин муқаддасоти миллӣ маҳсуб ёфта, на танҳо барои пешрафт ва рушду инкишофи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, балки барои рушди босуботи адабиёт ва санъат низ шароити мусоид фароҳам овард, ки як қисми муҳим фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Маҳз ба туфайли истиклолияти миллӣ пеш аз ҳама дар рӯҳ, ғоя ва мазмуни адабиёти муосири тоҷик тағйироти куллӣ ба миён омад, ки барои расидан ба таҳавуллоти нави адабиёти бадеӣ созгор шуд. Ин ҳамаро муаллифи рисола вобаста медонад ба дастгирию роҳнамоӣ ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.

Муаллиф дар ин қисмат, дарачаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои онро мушаххас карда, сарчашма, методу методологияи тадқиқ, навовариҳо ва аҳамияти назарию амалии онро баён намудааст.

Муҳаққиқ ба натича расидааст, ки то имрӯз рочеъ ба шеъри Гулназар навиштаҳои зиёде ба нашр расида бошанд ҳам, муаллифон ба ҳунари шоирӣ ва мушаххасоти ашъори ӯ, услуби фардии вай ва асрори эчодиаш баҳои арзанда надодаанд.

Муаллиф дар сари он ақида устувор аст, ки Гулназар, шоири навчӯ ва навпардоз буда, қариҳаи шоиронаи ӯ на танҳо дар зоҳири ашъор, балки дар дарунмояи он низ равшан ба назар мерасад. Навпардозиҳои дар жанрҳои суннатӣ ва шеъри озоду сафед доирнамудаи ӯ дар адабиёти муосири точик қобили пажӯҳишанд.

Муаллиф ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври мушаххас нишон дода, аз усулҳои таърихиву муқоисавӣ ва таърихиву адабӣ моҳирона истифода бурда, афкори назариявию амалии муҳаққиқону мунаққидони забардастро сармашқи кори худ намудааст.

Муаллифи рисола кӯшиш ба харч додааст, ки бори аввал масъалаи поэтикаи ашъори Гулназар ва мақоми ӯро дар адабиёти охири асри XX ва ибтидои асри XXI ба риштаи таҳқиқ кашад ва заминаро баҳри таҳқиқоти минбаъда ба миён орад.

Боби аввали диссертатсия “Мақоми Гулназар дар адабиёти муосири точик” ном дошта, фарогири се фасл мебошад. Фасли аввал “Назаре ба зиндагинома ва эчодиёти Гулназар” буда, ба ҳаёту эчодиёт ва фаъолияти чамъиятии шоир бахшида шудааст. Муаллиф дар боби мавриди назар роҳи эчодӣ ва ҳунари шоирии Гулназарро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода, зимнан чодаи дар олами эчод тайнамудаи шоирро бо далелҳои мушаххас собит намуда, ба таври қиёс шеърҳои нахустин ва шеърҳои солҳои охир эчоднамудаи ӯро ба риштаи таҳқиқ кашида, тадричан сайқал ёфтани қариҳаи шоиронаи Гулназарро бо далелҳо мушаххас намудааст.

Дар фасли дувуми боби зикршуда, ки “Марҳилаҳои эҷодӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии шеърҳои Гулназар” мебошад, марҳилаҳои эҷодии шоирро муаллиф аз лиҳози ғоявию бадеӣ ба замони Шӯравӣ ва истиқлолият даврабандӣ намудааст. Ӯ собит намудааст, ки ин марҳилаҳо аз якдигарашон бо муҳтаво, мавзӯъ ва такомули ҳунари шоирӣ тафовут доранд. Агар дар давраи аввали эҷодиёти Гулназар таъсири идеологияи ҳизби коммунист нуфузи муайян дошта бошаду ақоиди худшиносӣ баъзан дар ашъораш ба назар расад, пас, эҷодиёти шоир дар солҳои истиқлолият доманадор ва серпаҳлу шудааст. Унвонҷӯ марҳилаи аввали эҷодии Гулназарро давраи тамрину таҷрибаҳои шоирона даниста, марҳилаи дувуми эҷодии ӯро замони татбиқи таҷрибаҳо дар шеър ва овони камолоти шоирӣ арзёбӣ кардааст.

Фасли сеюми боби мазкурро муаллиф “Ҷанбаи иҷтимоии ашъори Гулназар” унвон дода, дар он аз хусуси иҷтимоиасос будани ҷузъи афкори адабии Гулназар ва ҷанбаи иҷтимоии шеърҳояш андешаронӣ кардааст ва натиҷагирӣ кардааст, ки дар замони истиқлолият нигоҳи ӯ вусъат ёфтааст. Тараннуми озодӣ ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, сулҳу ваҳдат, худшиносии миллӣ, гиромидошти ҳувияти миллӣ, арзишҳои фарҳангии он ва ифтихори ватандорӣ аз мавзӯъҳои марказии ашъори иҷтимоии шоиранд. Муаллиф лирикаи шаҳрвандии Гулназарро бозтоби ҳаёти воқеӣ донистааст. Дар он мусибатҳову даҳшатҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунини соли 1990, тасвири манзараҳои даҳшатангези ҷанги таҳмилии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси воқеии худро ёфтаанд. Шоир арзиши ҳунарии шеърро ҳеҷ гоҳ фаромӯш накардааст. Дар охири боб Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон чун намунаи ашъори иҷтимоии шоир мушаххас таҳқиқ шудааст.

Муаллиф боби дувуми диссертатсияро “Гулназар – шоири навгаро” номгузорӣ карда, онро ба шаш фасл тақсим кардааст. Фасли якум “Нақши Гулназар дар такомули шеъри муосири тоҷикӣ” буда, муаллиф кӯшидааст ба исбот расонад, ки Гулназар табиатан шоири навҷӯ ва

навпардоз аст. Дар солҳои 60-ум бо мусоидати шеъри муосири рус ва ба туфайли он шеъри мудерни ҷаҳон ба назми тоҷик ворид омад. Тадриҷан шеъри мудерни Эрон ба василаи ашъори Нодири Нодирпур, Фурӯғи Фаррухзод ва баъдан Нимою Шомлу ба муҳити эҷодии Тоҷикистон роҳ ёфт ва Гулназар низ аз  пайи иҷрои ин рисолат шуд. Шоир ин иқдомро пас аз солҳои навадуми қарни бист вусъат дод.

Дар фасли дувуми боби дувум муаллиф роҷеъ ба "Навпардозиҳои Гулназар дар жанри ғазал" таҳқиқот бурда, собит сохтааст, ки жанри ғазал ҳанӯз кухна нашудааст, балки тафаккуру назари худи мо кухна шудааст. Унвонҷӯ қайд менамояд, ки чун ғазалиёти солҳои охири Гулназарро аз ҳамин нуқтаи назар  ба таҳлил бигирем, итминон ҳосил мекунем, ки вай таҷрибаи дар шеъри озод гузаронидаи пешоҳангони шеъри нави Эронро дар жанри ғазали тоҷикӣ низ пайгирӣ кардааст. Зимни ин мушоҳидаҳо аз ғазалиёти дар шакли мудерн эҷоднамудаи Гулназар унвонҷӯ мисолҳои мушаххас овардааст ва чунин натиҷагирӣ кардааст, ки мақсади шоир инкишофи самти амудии ғазал буда, барои ӯ самти уфуқӣ чандон муҳим нест. Мақсади шоир фароҳам овардани фазои нав ва умқ бахшидан ба муҳтавои ғазал аст.

"Анъана ва навоварӣ дар рубоиёти Гулназар" унвони фасли сеюми боби дуюми рисола буда, ба ақидаи муҳаққиқ, Гулназар аз Лоиқ "тарзи омӯзиш ва баҳраҷӯӣ"-ро омӯхтааст, аммо услуби эҷодии худро касб кардааст. Рубоиёташ асосан аз дарунмояи худ тозагӣ пазируфта, аглаби онҳо ба гӯишҳои мардумӣ мушобеҳ шудаанд.

Муаллиф дар фасли чоруми боби дувум роҷеъ ба "Тозапардозиҳои Гулназар дар жанри дубайтӣ" андешаронӣ карда, дубайтиҳои Гулназарро аз рӯйи фарогирии мавзӯъ ба гурӯҳҳои дубайтиҳои ошиқона, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва пандомӯз ҷудо намудааст ва собит кардааст, ки миқдори  дубайтиҳои ошиқонаи Гулназар нисбат ба дубайтиҳои дигараш зиёдтаранд.

Унвонҷӯ фасли панҷуми боби дувуми рисоларо "Ҷойгоҳи шеъри озод дар эҷодиёти Гулназар" номгузорӣ карда, таъкид намудааст, ки

Гулназар аз зумраи шоирони навпардози муосир буда, дар эҷодиёти ӯ бар замми ашъори суннатӣ шеърҳои мудерн низ мақоми хос дорад. Муҳаққиқ шеърҳои нави ӯро ба гурӯҳҳои шеърҳои озод ва сафед тақсимбандӣ карда, ба натиҷа расидааст, ки шеърҳои озоди Гулназар тадриҷан аз такя бар дарозиву кӯтоҳии мисраъҳо фаротар рафта, дар меҳварҳои уфуқиву амудӣ такомул ёфтаанд. Аксари ифодаҳои Гулназар рамзноканд ва бар низоми сермаъноӣ асос ёфтаанд.

Муаллиф дар фасли шашуми боби дувуми рисола дар бораи "Гулназар ва офариниши амсилаи шеъри сафед" пажӯҳиш анҷом додааст ва зимни он ташаккули шеъри сафед (шомлуӣ)-ро дар адабиёти муосири тоҷик баррасӣ намудааст. Дар ин росто зикр кардааст, ки амсилаҳои сохтаи Гулназар нотакрор буда, шоири дигаре онҳоро ҳанӯз пайгирӣ накардааст. Дар силсилаи шеърҳои сафеди ӯ, ки "хусравонӣ" ном гирифтааст, услуби фардии шоир тазоҳур ёфтааст. Гулназар дар ин гуна ашъор даст ба кӯтоҳбаёнӣ зада, ба дарунмояи онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст ва эҳсосу отифаи табииро рӯйи қоғаз овардааст.

Боби сеюми рисола, ки "Падидаҳои ҳунарӣ дар шеърҳои Гулназар" унвон дорад, аз чор фаслу ду зерфасл иборат буда, фасли аввал "Забони шеъри Гулназар ва вижагиҳои он" ном гирифтааст. Муаллиф дар ин фасл пажӯҳиши маҳорати шоирро дар корбурди имконоти забони шеър анҷом дода, таъкид намудааст, ки дар бобати корбурди забони шеър Гулназар ҳам шоири гуногунзамон асту ҳам шоири ҳамзамон, яъне шеъраш ҳам аз сарчашмаҳои забони классикӣ ва ҳам аз сарчашмаҳои забони адабии муосир об хӯрдааст. Баъзан дар шеъри ӯ растохези вожаҳо ба мушоҳида мерасад. Ҳодисаҳои фонетикӣ, аз қабили ихтисор ва афзоиш дар ашъори Гулназар шинам афтодаанд. Шоир асосан барои дар қолаби вазн гунҷонидани ҳиҷову вожаҳо даст ба ихтисори онҳо мезанад. Муаллиф зимни овардани мисолҳо зикр кардааст, ки Гулназар аз имкониятҳои дастурии забони тоҷикӣ истифода бурда, баъзан вожаҳои нав месозад.

Унвонҷӯ дар фасли дувуми боби сеюми рисола ба “Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Гулназар” таваҷҷуҳ зоҳир намуда, таъкид менамояд, ки истиора дар ашъори Гулназар боиси зебоии суханаш гардидааст. Истиора ва ташбеҳҳои корфармудаи шоир тозагӣ ва таровот доранд. Падидаҳои ҳисомезӣ шеъри ӯро муассир кардаанд. Дар шеъри Гулназар ҳиссиёту андеша бо ҳам омезиш ёфтаанд. Киноя ва таъризҳояш аз ҳаёт сарчашма мегиранд. Муъҷазбаёниҳояш дар шеърҳои кӯтоҳаш равшан ба мушоҳида мерасанд. Дар ин фасл унвонҷӯ барои исботи фикри худ аз санъатҳои бадеии дар шеъри Гулназар корбурдшуда, аз қабили муболиға, тавсиф, маҷоз, тазод, таҷоҳули ориф, руҷӯъ, нидо, талмеҳ, ташхис, тамсил ва таҷнис низ мисолҳо овардааст.

Парадокс (таноқуз) аз санъатҳои нодирест, ки таваҷҷуҳи унвонҷӯро ба худ ҷалб намудааст. Аз ҳамин сабаб зерфасли якуми фасли сеюми ин боб “Парадокс дар шеъри Гулназар” ном гирифтааст. Муаллиф таъкид намудааст, ки дар танокузофариниҳои Гулназар таъсири Бедил маҳсус аст. Аҳамияти бебаҳси таноқуз он аст, шеърҳоро аз умумигӯӣ наҷот додааст ва ба бозёфтҳои шоиронаи Гулназар роҳ кушодааст.

Муаллиф зерфасли дувуми фасли сеюми боби зикршударо “Сувари хаёли Гулназар” ном ниҳодааст. Ба фикри ӯ, Гулназар шоирест, ки сувари хаёлаш ба хаёли дигар шоирони замони мо чандон монандӣ надорад. Хаёлбандиҳои шоир гуногунранг буда, сабаби пайдоиши тасвирҳои тоза ва нотакрор мешаванд. Дар ин гуна ашъор Гулназар ба ашёи табиат забони инсонӣ мебахшад, онҳоро ба ҳаракат медарорад. Бисёре аз тасвирҳои хаёлии шоир сабабгори афзудани шеърият шудаанд. Ҳолатҳое рух медиҳанд, ки шоир даст ба таҷрибаҳои сюрреалистӣ ва романтикӣ мезанад ва тасвирҳояш тозаву ҷолиб мешаванд.

Фасли сеюми боби сеюмро муаллиф “Бозтоби намоди субҳ дар шеъри Гулназар” ном ниҳода, қайд кардааст, ки дар шеърҳои Гулназар вожаи “субҳ” хеле зиёд истеъмол шудааст, ки аксаран ба маъниҳои маҷозӣ кор фармуда шудааст. Ҳамзамон, ин вожа ба тасвирсозиҳо ва

навпардозиҳои шоир кумак расонидааст ва аз фарти корбурди зиёд ба намоди фардӣ табдил ёфтааст.

Дар фасли чоруми боби сеюми рисола сухан роҷеъ ба “Мусиқии шеъри Гулназар” меравад ва муаллиф бо таҳлилу баррасии мисолҳои мушаххас исбот кардааст, ки мусиқӣ дар шеъри ин шоир аз рукнҳои муҳим аст. Гулназар ба мусиқии шеър диққати махсус медиҳад. Вазнҳои гуногун, қофияву радиф ва баъзан такрори бамавриди матолиби махсус мусиқии ашъорашро дилпазир ва қобили таваҷҷуҳ кардаанд.

Муаллиф дар анҷоми рисола натиҷагириҳои худро мушаххас тақсимбандӣ кардааст. Ӯ зикр намудааст, ки падидаҳои ҳунарии шеъри Гулназар лоиқи таҳқиқ ва баррасианд. Анвои мухталифи эҷодиёташ ҳамдигарро мукаммал кардаанд. Марҳилаҳои эҷодии Гулназар ба даврони Шӯравӣ ва Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон тақсим мешаванд ва онҳо аз ҷиҳати фарогирии мазмуну мундариҷа ва падидаҳои ҳунарӣ аз ҳамдигар фарқи ҷиддӣ доранд. Марҳилаи якуми эҷодиёти Гулназар давраи машқу таҷрибаҳои шоирона буда, марҳилаи дуюми эҷодиёти ӯ замони татбиқи таҷрибаҳо дар шеър аст. Навовариҳои шоир бо дигаргун кардани зоҳири шеър маҳдуд нашуда, балки дар ташаккулу такомули дарунмояи шеър ба амал омадаанд. Вай амалан исбот кардааст, жанри суннатии ғазал таҷаддудпазир аст. Дар дарунмояи жанри суннатии рубоӣ шоир тозагиҳои назаррас ворид сохтааст. Ҷавҳари дубайтиҳои Гулназар аз омезиши эҳсосу отифа, тафаккуру нигоҳи шоирона, корбурди фарохи санъатҳои бадеӣ, ҳусни баёну назокати гуфтор, тасвирҳои тоза, маълумоти ҷолиби таърихию этнографӣ ва амсоли он иборат аст. Гулназар дар шеърҳои озодаш ваҳдати муҳтаворо дар меҳварҳои амудиву уфуқӣ моҳирона пайгирӣ намудааст. Амсилаҳои дар шеъри сафед офаридаи шоир дар рисола падидаҳои тоза қаламдод шудаанд. Онҳо бо кӯтоҳбаёнию тасвирҳои рамзнок ва тозагиҳо аз ашъори суннатиаш тафовут доранд. Вазнҳояшон аксаран ғайримаъмулӣ ва баъзан фолклорист. Дар ин гуна шеърҳо аксаран тасвирҳои интизоӣ ва мушаххас бо ҳам тазвиҷ шудаанд. Таъкид

шудааст, ки шоир аз корбурди таносубҳои забонзада ва обшуста ичтиноб меварзад. Дар шеъри ӯ забон ба ҳунар табдил ёфтааст. Шоир бо роҳҳои мусиқӣ ва забоншиносӣ ба растохези вожаҳо замина гузошта, аз ҳодисаҳои фонетикӣ огоҳона манфиат чустааст. Ӯ тибқи имкониятҳои сарфии забон чанд калимаи нав низ сохтааст. Гулназар дар корбурди санъатҳои бадеӣ, хусусан, парадокс хеле эҳтиёткор аст. Ин санъати нодир шеъри Гулназарро нисбатан нотакрор ва дастнорас кардааст. Тахайюлоти шоирона, тачрибаҳои сюрреалистӣ ва тобишҳои романтикӣ дар тасвирҳои вай зиёданд. Дар ашъори Гулназар серитеъмолтарин калима вожаи субҳ буда, он саравал чун истиора истифода шудааст ва тадричан аз зарби такрор ба намод мубаддал гаштааст. Мусиқии вожаҳо шеъри Гулназарро чун ҳунари шоирии ӯ рӯнамо кардааст.

Хуллас, рисолаи Ҳамроев Равшанкул Замонович дар таҳқиқ ва арзёбии поэтикаи ашъори Гулназар, ҳарфи тоза ва асоснок буда, заминаро барои тадқиқоти чомеъ бунёд менамояд. Таҳқиқоти дар ин замина анчомгирифта дар баробари бартариҳои назаррас аз баъзе камбудиҳо низ холӣ набуда, зикри онҳоро лозим медонам.

1.Агар унвончӯ рочеъ ба чанбаи ичтимоии ашъори Гулназар мисолҳои бештар меовард, арзиши рисола боз ҳам меафзуд.

2.Бо мақсади собит намудани таъсирпазирии Гулназар аз шоирони дигар, аз чумла Ҳаким Саноӣ, Мавлавӣ ва Бедил дар робита ба истифодаи санъати парадокс мисолҳо кам оварда шудаанд.

3.Агар муаллиф ҳангоми баррасии шеърҳои озод ва сафеди Гулназар онҳоро бо ашъори дар ҳамин шакл сурудаи Нимо ва Шомлу муқоиса менамуд, боз ҳам беҳтар мешуд.

Камбудиҳои таъкидшуда арзиши рисоларо коҳиш надода, балки фишурдаи рисола, мақолаҳову гузоришҳои илмии муаллиф ва монографияи ӯ "Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар", ки ба чоп расидаанд, шоҳиди арзишмандии таҳқиқоти анчомгирифтаанд. Аз ин лиҳоз, рисола тадқиқоти чомеъ дар боби поэтикаи ашъори Гулназар

буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01.-Адабиёти тоҷик мебошад.

Мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Дустов К.А.

Нишонӣ:7340025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Франко 9/2, кв.3.
Тел (моб): +992(93-582-73-03), E-mail: komildustov.64@mail.ru

Тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва
кадрҳои ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Тағоева М.А.
Нишонӣ: 734003, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 146,
Тел(корӣ):+992 (2247207).